**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-016-и назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146. E-mail: Olimov-1976@mail.ru, www.tajagroun.tj).**

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050605 - Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ.

Рушди иҷтимоӣ - иқтисодӣ ҳамчун як самти илми иқтисодӣ, ки шароити иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсиро барои татбиқи тағйироти босуръати сохторӣ ва институтсионалии ҷамъиятҳои гуногун ва зарурро меомӯзад, то натиҷаҳои пешрафтаро бо роҳҳои муассиртарин ба табақаҳои васеи ҷомеа паҳн кунад, хизмат менамояд. Зарурати ҳифз ва беҳтар намудани ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии деҳот бояд дар тамоми низоми сиёсати маҳаллӣ, ки бо рушди он алоқаманданд, инъикос ёбанд. Байни шаҳр ва деҳот бояд тавозуни одилонаи хароҷоти буҷа, сармоягузорӣ байни инфрасохторҳои мухталифи иҷтимоӣ - маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва хизматрасонии коммуникатсионӣ риоя карда шаванд. Ҳиссаи афзояндаи захираҳои мавҷуда бояд барои дастгирии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва ҳифзи муҳити зист нигаронида шаванд. Аз ин лиҳоз, мавзуи таҳқиқотии мазкур мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Дар автореферат, муаллиф дар асоси омӯзиши адабиётҳои илмӣ оиди назарияи рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, фикр ва мулоҳизаҳои олимони дохилӣ ва хориҷӣ кишвар, ақидаҳои гуногуни онҳо, оид ба мафҳум, моҳият ва тавсифи инфрасохтори иҷтимоии деҳотро таҳлил ва чунин гурӯҳбанди намуда, ақидаи худро ба таври зерин: « Инфрасохтори иҷтимоӣ маҷмуи объектҳое мебошанд, ки барои мустақим қонеъ кардани талаботи (инсон) одамон хусусан сокинони деҳот, инчунин таъмини сатҳи муайяни зиндагӣ, тарбияи такрористеҳсолёбии ҳамаҷонибаи фаъолияти ҳаётии инсон ба хусусиятҳои хоси иқтисодӣ - бозоргонӣ пешбинӣ шудааст», пешниҳод намудааст, ки онро саҳми сазовор дар илмӣ иқтисодиёт шуморидан мумкин аст.

Ҳамзамон, муаллиф бо истифодаи маълумотҳои оморӣ, таҳлили вазъи соҳаи кишоварзӣ ва дурнамоии онро то соли 2030 таҳия намудааст, ки иҷроиши он ба натиҷаи ниҳоии на танҳо соҳаи мазкур балки соҳаҳои мухталифи инфрасохтори иҷтимоӣ таъсири бевоситаи худро мерасонад, хело бамаврид ва илман асоснок мешуморем.

Хулоса ва тавсияҳои оварда шуда, натиҷаи таҳқиқоти гузаронидаро дар бар мегирад.

Дар қатори бартариятҳои овардашуда автореферат аз кабудиҳо орӣ нест. Дар саҳифаи 13-уми автореферат муаллиф таҷрибаи кишварҳои Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва дигар давлатҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст. Мутаасифона муаллиф нишон надодааст, ки таҷрибаи кадом кишварҳои таҳлилшавандаро, дар мисоли ҷумҳурӣ ва ё минтақа амалӣ намудан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Вале камбуди овардашуда, қимати назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунад.

Дар маҷмуъ таҳлили автореферат шаҳодат аз он медиҳад, ки диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзуи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» саҳми шахсии муаллиф ва рисолаи дорои ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии анҷомёфта дар мавзуи актуалӣ баҳисоб меравад ва тибқи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Низомномаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талабот ҷавобгӯ буда, муаллифи он Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло, сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - аз рӯйи ихтисоси 6D050605 - Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ, мебошад.

н.и.и., дотсент, мудири кафедраи
баҳисобгирии бухгалтерӣ,
таҳлил ва аудитӣ
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Ойматов Бахтиёр Шораҳматович

**Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, Тел: (992) 918786364. E-mail: bakhtiyor.o@mail.ru

Имзои н.и.и., дотсент Ойматов Б.Ш - ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ Қодирзода С.
16.03.2026

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумхурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, Телефон: (992) (37)224-13-83; Почтаи электронӣ: www.tgpu.tj